Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» 07 соли 2023,
№ 11/10 тасдиқ карда шудааст.

Низомномаи
озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Низомномаи намунавии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030, Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030, Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ташкил ва тартиби гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Озмун)-ро, ки дар он донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и (унвонҷӯён) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ иштирок мекунанд, танзим менамояд.

2. Сарпараст ва масъули Озмун Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 2. МАҚСАДИ ОЗМУН

3. Мақсади ташкил ва гузаронидани Озмун ин дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму техника, технология, рушди тафаккури техникӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав, датрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология ва принсипҳои сиёсати илмӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ин тадбир имконият фароҳам меорад, ки бо роҳи ҳавасмандгардонии донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, баланд бардоштани мақому мартабаи онҳо, инчунин ҷалби бештари ҳар чӣ зиёд ҷалб намудани онҳо ба корҳои илмию техникӣ барои баланд бардоштани сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ ва дар оянда тайёр кардани кадрҳои минбаъдаи илмӣ дар муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ, нерӯи зеҳнии онҳоро инкишоф диҳад.

## 3. ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

4. Иштирокчиёни Озмун донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и (унвонҷӯён) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ, кормандони илмию омӯзгорӣ (ба истиснои номзад ва доктори илм) буда метавонанд, ки синни то 30 сола буда, аз озмуни муассисаи пешниҳодшаванда гузаштаанд, буда метавонанд.

## 4. ТАДБИРҲОИ АСОСӢ БАРОИ ТАШКИЛИ ОЗМУН

5. Мақоми кории Озмун ва масъули ташкил ва гузаронидани он раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-раёсати илм ва инноватсия) мебошад.

6. Раёсати илм ва инноватсия барои ташкили Озмун чунин тадбирҳоро амалӣ менамояд:

- дар муҳлати муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ доир ба баргузории Озмун маълумот (хабарномаи расмӣ) медиҳад;
- маводи Озмунро аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷамъоварӣ намуда, барои баррасӣ дар Комиссияи экспертии Озмун омода менамояд;
- барои баҳодиҳии корҳои илмию таҳқиқотии иштирокчиёни Озмун Комиссияи экспертӣ таъсис медиҳад. Комиссияи экспертӣ аз сардори раёсати илм ва инноватсия, ду нафар сармутахассис, мутахассиси пешбари раёсати мазкур ва намояндагони муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва илмӣ, коршиносон (вобаста ба самту равияҳои илмии лоиҳаҳо) иборат аст;
- намояндагони муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва илмӣ ба ҳайси экспертҳои бевосита баромад намуда, ба ҳар кори пешниҳодшуда вобаста ба самт ва ихтисоси худ хулоса ва баҳогузорӣ менамоянд;

## 5. ШАРТ ВА ТАЛАБОТ БА КОРИ ОЗМУНӢ

7. Корҳое, ки ба Озмун пешниҳод мешаванд, бояд дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иникосгари манфиатҳои миллӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ бо дарназардошти дар соҳаи илм қабулшуда бошанд.

8. Кори озмун дар асоси шартҳои зерин гузаронида мешавад:

- муҳимияти мавзуъ;

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

- татбиқи амалии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ;
- ҷанбаҳои боэътимодӣ ва пурқуввати илмӣ доштани мавзуъ;
- дорои навгонӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ дошта бошад;
- тадбиқшаванда ва хусусияти инноватсиониро соҳиб бошад;

9.Талабот ба кори озмунӣ чунин аст:
- дорои варақаи унвонии кори озмун бошад. Варақаи унвонӣ аз ду саҳифа иборат буда, дар саҳифаи аввал сабти номи муассиса, номи мавзуъ, иҷрокунанда бо нишондоди бахш, ихтисос, факултет ва роҳбари илмӣ пешбинӣ сабт мегардад, ки намунаи он дар замимаи 1 оварда шудааст; дар саҳифаи дуюм танҳо номи мавзуъ зикр мешавад;
- мавҷудияти нақшаи кор, сарсухан, иқтибос (то 30%), хулоса, феҳристи адабиёт ва саҳифабандии кор;
- пешниҳоди корҳои илмӣ бо тақриз ва баҳои роҳбари илмӣ;
- ҳаҷми кор – кори ба озмун пешниҳодшаванда бояд на камтар аз 16 саҳифаи андозаи А4 (ҳуруфи Times New Roman Tj -14, фосилаи 1,5 бо андозаи боло 2 см, поён 2 см, рост 1,5 см ва чап 3 см) таҳия карда шавад;
- ба назар гирифтани қоидаҳои имлои забони давлатӣ (ба истисноИ корҳое, ки ба забонҳои дигар пешниҳод мешаванд);
- асардуздӣ (плагиат) набудани корҳо; (маълумотномаи барномаи Антиплагиат ба кор замима карда шавад). Асолати корҳои ба озмун пешниҳодшаванда аз 60% бояд боло бошад. дар сурати асолати кор ба талабот ҷавобгӯ набудан, он ба Озмун роҳ дода намешавад;

10. Маводи номинатсияи навоварию ихтироъкорӣ, ки ба озмун пешниҳод шудаанд аз рӯйи меъёри зерин холгузорӣ мешаванд:
- барои ҳар як ихтироот, навоварӣ, намунаи маводи навоварию ихтироот (инноватсионӣ) ё модели самаранок, ки дар натиҷаи иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навоварӣ тибқи шартнома аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ё аз ҳисоби маблағгузории омехтаи буҷетию ғайрибуҷетӣ ба даст оварда шудааает – аз 10 то 50 хол;
- барои ҳар як ихтироот, намунаи маводи инноватсионӣ ё модели самаранок, ки ба тариқи ташаббуси шахсӣ ва ҳуқуқи патентикунонии он ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дода шудааст - аз 10 то 50 хол;
- илова, ба ҳар як патент барои ихтироот ё модели самаранок, ки дар якҷоягӣ бо донишҷӯён ё аспирантону докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) амалӣ шудааст – аз 10 то 20 хол;
- барои ҳар як ихтироот ё модели самаранок, ки дар хориҷа дорои патент шудааст – аз 30 то 60 хол.

11. Як кор танҳо ба ҷузъ номинатсияи навоварӣ ва ихтирокорӣ бояд аз ҷониби як нафар бояд пешниҳод карда шавад.

12. Шахсони ғолиб то се сол дар озмунҳои солҳои минбаъда ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

13. Корҳои ба озмун пешниҳодгардида, ки ба талаботи банди 18 Низомнома ҷавобгӯ нест, бе баррасӣ бо мактуби асосноккунӣ ба

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ баргардонида шуда, такроран қабул карда намешаванд. Дар сурати якчанд нафар будани иштирокчиёни Озмун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ рӯйхати корҳои пешниҳодгардида ба Озмунро тибқи замимаи 2 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд.

14. Шартҳои ташкил ва баргузории озмун аз ҷониби комиссияи озмун назорат карда шуда, ҳар як муассиса ғолибони ҷойҳои якуми даври донишгоҳиро (донишкада, институти илмӣ) метавонад ба даври ҷумҳуриявӣ пешниҳод намояд.

## 7. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАН ВА ҶАМЪБАСТИ ОЗМУН

15. Озмун аз ду давр иборат аст:
- даври якум – нимаи якуми моҳи феврал дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар;
- даври дуюм - моҳи март дар дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад;

16. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври якум барои иштирок дар даври дуюм ба комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ то 1 март муқаррар карда мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ вазифадоранд, ки то муҳлати болозикр даври якуми озмунро дар муассисаҳо гузаронида, корҳои ғолибони даври якумро ба Вазорати маориф ва илм бо мактуби расмӣ пешниҳод намоянд. Маводҳое, ки пас аз 1 март ворид мешаванд, ба Озмун роҳ дода намешаванд.

17. Маводи ба Озмун пешниҳодшуда дар шакли садхола баҳогузорӣ (садхола) баҳогузорӣ мешавад.

18. Эксперти бевоситаи ҳар як кор, ки аз ҷониби раёсати илм ва инноватсия вобаста шудааст, корро ҷиддӣ омӯхта, баррасӣ намуда, хулосаи худро оид ба тамоми ҷанбаҳои он дар шакли хаттӣ навишта, ба он баҳо мегузорад.

19. Хулоса ва баҳогузории эксперти бевоситаро Комиссия қабул намуда, баҳои ниҳоиро ба таври шаффоф ба ҳар кор мегузорад.

20. Дар ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият ҷиҳати баҳогузории кори иштирокчиёни Озмун маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба экспертҳои мустақил (новобаста) дода мешавад. Ба экспертҳои мустақил хулосаи Комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад. Хулоса ва баҳогузории эксперти мустақил натиҷаи ниҳоӣ ба ҳисоб меравад.

21. Озмун аз рӯи ҳафт номинатсия гузаронида мешавад:

22.1 Барои донишҷӯёни зинаи бакалавриат ва магистратура:
- бахши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ (химия, физика, биология, экология, география, астрономия, геология, математика, геометрия);
- бахши фанҳои техникӣ;
- бахши фанҳои технологӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;
- бахши фанҳои тиббӣ ва фармасевтӣ;

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

- бахши фанҳои иқтисодӣ;

- бахши фанҳои гуманитарӣ (таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, сотсиологоия, филология, лингвистика, журналистика, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, психология);

- бахши ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

22.2 Барои унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD):

- бахши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ (химия, физика, биология, экология, география, астрономия, геология, математика, геометрия);

- бахши фанҳои техникӣ;

- бахши фанҳои технологӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;

- бахши фанҳои тиббӣ ва фармасевтӣ;

- бахши фанҳои иқтисодӣ;

- бахши фанҳои гуманитарӣ (таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, сотсиологоия, филология, лингвистика, журналистика, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, психология);

- бахши ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

## 8. ҶАМЪБАСТ ВА МУКОФОТОНИДАНИ ҒОЛИБОН

23. Ғолибони Озмун бо дипломҳои дараҷаҳои 1, 2, 3 ва ҷойҳои ифтихорӣ бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони ғолибони ҷойи якум бо сипосномаи вазири маориф ва илм мукофотонида мешаванд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадоранд, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин ғолибони озмун ва роҳбарони онҳоро дар фазои тантанавӣ тариқи моддӣ ва молиявӣ қадрдонӣ намоянд.

24. Натиҷаи Озмун аз тарафи раёсати илм ва инноватсия дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Омӯзгор» ва расонаҳои дигари хабарӣ интишор мешавад.

25. Озмун ҳар сол тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то арафаи Рӯзи илми тоҷик (ҳафтаи сеюми моҳи апрел) ҷамъбаст гардида, натиҷаи он дар Рӯзи илми тоҷик бо тақдими диплом ва ифтихорномаҳо эълон карда мешавад.

26. Корҳои озмунӣ пас аз ҷамъбасти он ба муддати се сол дар бойгонӣ ҳифз мегарданд.

27. Натиҷа ва хулосаҳои Комиссияи экспертии Озмун оид ба корҳои Озмун барои татбиқи амалии онҳо дар истеҳсолот ба Паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки имконият ва иқтидори амалӣ намудани онҳоро доранд, пешниҳод карда шаванд.

## 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

28. Хароҷоти баргузории чорабинии даври ниҳоии озмун аз суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

29. Ба ғолибони даври ниҳоии озмун, ки дар даври дуюми озмун ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро сазовор шудаанд, тибқи тартиби муқарраргардида аз

ҳисоби маблағҳои Вазорати маориф ва илм диплом ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

30. Иштирокчиёни ҷойҳои 4 даври ниҳоии озмун бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешаванд.

Маблағи умумӣ барои ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 3000 | 7 | 21000 |
| 2. | Дуюм | 2000 | 7 | 14 000 |
| 3. | Сеюм | 1000 | 7 | 7000 |
| **Ҳамагӣ:** | | | **21** | **42 000** |

Барои Номинатсияи навоварию ихтироъкорӣ

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 5000 | 7 | 35 000 |
| 2. | Дуюм | 3000 | 7 | 21 000 |
| 3. | Сеюм | 2000 | 7 | 14 000 |
| **Ҳамагӣ:** | | | **21** | **70 000** |

| № | Номгӯи хароҷотҳо | Шумораи умумӣ ғолибон | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1. | Мукофоти пулӣ | 42 | 112000 |
| 2. | Хороҷи ҷорӣ (омода кардани дипломҳои ҷойҳои якум дуюм, сеюм, ифтихорномаҳо, сипосномаҳо ва хароҷоти иловагӣ) | - | |

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

31. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур тавассути қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Замимаи 1.

Намунаи варақаи унвонӣ

НОМИ МУАССИСА________________________________________

номи пурраи муассиса

МАВЗУЪ: ________________________________________________

БАХШ__________________________________________________

ИҶРОКУНАНДА: ___________________________________________

бо нишон додани факултет ва курсу ихтисос

РОҲБАРИ ИЛМӢ: __________________________________________

бо нишон додани унвон ва ному насаб

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДУШАНБЕ-2023

Замимаи 2.

**Рӯйхати**
**корҳои пешниҳодгардида ба озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар»**

Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

| № | Ному насаб | Факултет | Курс | Ихтисос | Номи мавзуъ | Роҳбари илмӣ | Рамз | Муқарриз | Баҳо | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| бахши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ (химия, физика, биология, экология, география, астрономия, геология, математика, геометрия) | | | | | | | | | | |
| 1. | | | | | | | | | | |
| | бахши фанҳои техникӣ | | | | | | | | | |
| 2. | | | | | | | | | | |
| 3. | | | | | | | | | | |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС